# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ)**

Мавзуи диссертатсионии Гулов Р.Б., ки ба таҳқиқи масъалаҳои технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таъсилоти касбӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Масъалаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷомеаи имрӯза, ки майли гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ дорад, ба яке аз масалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, зеро ҳангоми тайёр кардани мутахассисон талаботи соҳавии касбӣ барои хоҷагии халқ ва бозори меҳнат таносубу танзими муайян ба роҳ монда нашудааст. Низоми бо шуғл таъминкунӣ, ки ду талаботи асосӣ: талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои соҳибихтисос ва талаботи донишҷӯён ба хизматрасониҳои таълимию ҷойҳои кори дорад, ҳамоҳанг намебошанд. Дар ин замина, миёни талаботи бозори меҳнат вобаста ба мутахассисони соҳаҳои муайяни фаъолият, сатҳи тахассусии онҳо ва раванди тайёр кардани кадрҳое, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ба онҳо эҳтиёҷ дорад, зиддият ва мушкилот ба миён меояд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи технологияҳои иҷтимоии бошуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва

тавсияҳои муаллиф имконият медиҳанд, ки ба раванди бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон, барои пешгирии таъсири манфӣ ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар ин самт мусоидат менамоянд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда шудаанд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

2.Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои муайян ва ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷомеа, кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонони соҳибихтисос, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти бо шуғл таъмин намудани ҷавонон омода намудани шароити мусоидат карда метавонанд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3.Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми декабри соли 2021, таҳти № 351 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи

онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таълимоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Р.Б. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Гулов Р.Б. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) дар Шурои дессертатсионии 6D.KOA-005–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷононов С.
- номзади илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирова М.Н.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ таъйин карда шавад

**Раиси комиссия:**

Маҳмадҷонова М.Т. - доктори илмҳои фалсафа, дотсент

**Аъзои комиссия:**

Искандаров А.И. - доктори илмҳои сиёсӣ

Улмасов Р.У. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор